# (Чӣ гуна исломро баргузидам? )

[То□ики ]

**Таҳия ва таҳқиқ : Амирҳамзаи Ҳомид**

2009 - 1430

islamhouse.com

# ﴿ كيف أسلمت ﴾

« باللغة الطاجيكية »

**مراجعة: أمير حمزة حميدوف**

2009 - 1430

islamhouse.com

# Чӣ гуна исломро баргузидам?

Ҳаде Ҳейди.

(Лондон).

Ислом дини фитрии башар,

Ғарб ҳанӯз исломро нашинохтааст

Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадур расулуллоҳи.

Акнун беш аз як сол аст, ки ба ислом ошно шуда, онро пазируфтам. Каме баъд аз ин ки ба синни қонунӣ расидам, дар худ эҳсосе кардам, ки бояд ба ёфтани мактабе ё муқарароте қобили қабул бароям.

Ин таҳқиқот барои ёфтани системаи ҷадид, маро ба ислом роҳнамоӣ кард. Ва барои ман аҷиб набуд, ки танҳо ба василаи ислом тавонистам алоқа ба ҳақиқатро дар худ қонеъ кунам.

Дар ин сухан, ки ҳар кӯдаке бар фитраи ислом ба дунё меояд, ҳақиқате нуҳуфта ҳаст, ба ибораи дигар, ҳар инсоне, ки по бар арсаи ин ҷаҳон мегузорад, тамоюле нисбат ба ҳақиқати бепоёни ин ҷаҳон дорад ва ин таҳти шароити баъдӣ ва ба мурури замон аст, ки аз он ҳақиқат дур меафтад. Ба истифода аз ин матлаб ва таҷрибаи шахсӣ бо камоли итминон метавонам бигӯям, ки афроде ба дастурот ва таъолими ислом ошно ҳастанд, табиатан нисбат ба ин вафо доранд ва ҳадди ақал ба ҳақиқат ва мантиқи он қалбан имон доранд.

Бидуни шубҳа қарнҳост, ки оини масеҳият рӯи тамаддуни Урупо асар гузоштааст, аммо дар ҳамон ҳоли имрӯза асри он чиз дар мавориди маҳдуде ба чашм намехӯрад. Масеҳият дар назари пайравони имрӯзии он танҳо аз мӯътақидоте монанди ғусли таъмид, издивоҷ бо

як зан аст на бештар, ташрифоти зоҳирии ҷаноза ва аз ин қабил ташкил шудааст ва аксари пайравони он аз назари ҳамин маросим, масеҳӣ ҳастанд. На мардуми таҳсилкарда ва на мардуми оддӣ, ҳеҷ як наметавонанд мантиқу мӯътақидоти усули онро дарк кунанд, то чӣ расад онро қабул кунанд ва нисбат ба онҳо мӯъмин шаванд. Фикри ислоҳи ақоид, ки тавассути калисо пешниҳод шуда, ҳанӯз натавониста аст муфид воқеъ шавад ва аз маҳкумият ва нобудии усули феълии он ҷилавгирӣ кунад.

Ёд дорам, ҳатто ҳангоме, кӯдак будам, наметавонистам ба худ қабулонам, ки фарде ҳамнавъи худро худову холиқи худ бидонам. Эҳсос мекардам, ки эътиқоди мо ба худо будани ҳазрати Исои Масеҳ на танҳо дуруст нест, балки боиси таназзули мақоми рубубият хоҳад шуд.

Дар ҳакикат ин матлаб саҳеҳ аст, ки байни табиат ва мовароуттабиъа як тартибот ва наздикӣ вуҷуд дорад, вале на ба мафҳуме, ки масеҳиён мегӯянд, вакте дар пазируфтани мактабе маҷбур шавем ба худ биқабулонем, ки инсон ва шахсияте аз ин ҷаҳон аз ҷавонони ин олами хориҷ ва мофавқитабиат ва ҳатто худо бошад, этимоди мо нисбат ба чунин мароме аз байн хоҳад рафт ва боис хоҳад шуд, ки дар баъзе ҳақоиқи он низ тардид кунем. Мазҳаб бояд бузургтарин манбаъи ахлоқӣ бошад ва башарро нерӯ бахшад ва сипаре дар баробари заъфу нотавонии ӯ ба шумор ояд. Эътиқод ба ақоиде ки ғайри мантиқи аст, саранҷом инсонро ба заъфи ахлоқ хоҳад кашонид, маънои воқеъии тамаддун аз байн хоҳад рафт ва башарият ва зиндагии ӯ ба беҳадафӣ хоҳад анҷомид.

Масеҳиён худро комилан моил меёбанд, ки равиши суст ва ғайриамалии худро қабул ва аз он чӣ саҳеҳу дуруст ва амалӣ аст, дурӣ кунанд ва зери бори он нараванд.

На танҳо масеҳиён ҳатто баъзе мусулмонони шарқӣ, ки таҳти таъсири фарҳанги ғарби қарор гирифтаанд, ҳамвора саъй мекунанд, ки дар зиндагии худ рафтори масеҳиёнро таклид кунанд, арзишҳои моддии ононро бипазиранд, идеяҳои маънавию метафизикии ононро қабул намоянд.

Ағлаби ин мусулмонони ҷавон ва тоза ба даврон расида ба ҷои ин ки ақоиди худро ислоҳ кунанд, аз дарёи мӯътақидоти худ баҳра бигиранд, ба тадриҷ пойдории ахлоқ ва руҳияти шарқии худро аз даст медиҳанд.

Боре дар Ғарб ба баъзе аз мусулмонони шарқӣ бармехӯрем, ки ҳатто дар муҳите чун Ғарб ва дар миёни дӯстони азизи худ рафтор ва хусусияти ахлоқӣ меҳан ва зодгоҳи худро ҳифз кардаанд. Ба василаи ин афрод аст, ки мо ҳақиқати масеҳиятро дарк мекунем ва низ мефаҳмем, ки давраи ин дин қабл аз давраи ислом будааст. Дар асари тамос ба ин афрод аст, ки бисёре аз ғарбиён пазируфтаанд, ки дар як дину мазҳаб, як силсила усул ва мӯътақидоти ахлоқи ҳақиқӣ лозим аст, на усуле, ки ҷуз исму расму зоҳир чизе аз он барҷо набуда ва ҳақиқате надониста бошад.

Дар асари муъоширaт ва зиндагӣ бо ин гуна мусулмонон ва баҳс бо онон ба тадриҷ ба ислом ошно шудам ва ҳаққонияти онро дарк кардам ва аз онҷо таъолими он барои афкори солим ва роҳҳои содда ва беолоиш ҷаззобу рабоянда аст. Натавонистам дар муқобили он муқовимат кунам. Ақоиди масеҳият ва худо будани Масеҳ парвардигори бузургро дар назари ман ончунон таназзул дод, ки то сарҳади инкори ӯ пеш рафта будам, вале ислом ва таолими олии он худоро вуҷуди ҳақиқӣ ва қобили эътимод ҷилвагар сохт.

Ман самимона орзумандам, ки кӯшиши бештар мабзул гардад то ислом дар ғарб густариш ёбад. Мардуми Ғарб амалан дар бораи ислом иттилоъ надоранд ва маълумоти онон аз нукоти ҷузъӣ монанди тааддуди завҷот таҷовуз намекунанд.

Ба хусус занон, ки ба иллати бехабарӣ бо шунидани номи ислом нороҳат мешаванд. Онон қабул накардаанд, ки тааддуд (бисёр ҳамсари), ки дар ислом иҷоза дода шуда, шароите мушкил ва истисно дорад ва дорои қонунҳо ва муқарароти сахт ва ҳисобшудае аст.

Интиқодкунандагони ғарби, ки ба ин қонунҳои исломӣ айб мегиранд, ҳаргиз диққат намекунанд, то лозимии ин қонунҳоро дар зиндагии башар дарк кунанд. Ман

мехоҳам бидонам, ки аз назари як зани таҳсилкарда кадом як қонун беҳтар ва саҳеҳтар аст.

Марде, ки беш аз як зан дорад, вале аз тариқи саҳеҳ ва қонунӣ ё марде, ки дар зоҳир як зан дошта бошад ва дар пинҳонӣ бо дигарон робита барқарор кунад? Агар ғарбиён метавонистанд исломро дарк кунанд ва ҳуррияту озодии ӯро бипазиранд, медиданд, ки чӣ гуна зиндагии онон беҳбуд меёфт. Омори хонаводаҳои нобасомон ва издивоҷҳои нофарҷом поин меомад ва аз теъдоди талоқҳо коста мешуд.

Аз китоби " Чаро мусулмон шудам " гирифта шудааст